Китоби Муқаддас барои кӯдакон



Вақти душвор барои Исо

Муаллиф: Edward Hughes

Рассом: Byron Unger; Lazarus
Alastair Paterson

Адаптатсиякунанда: M. Maillot; Sarah S.

Тарҷумон: Tajikistan Bible Society

Тартибдиҳанда: Bible for Children
www.M1914.org

©2022 Bible for Children, Inc.
Литсензия: Шумо ҳақ доред, ки ин ҳикояро нусхабардорӣ ё чоп кунед, аммо ба фурӯхтан иҷозат надоред.

Баъди таъмид гирифтани Исо, Худо гуфт: “Ин Писари азизи Ман аст. Ман аз Ӯ хушнуд ҳастам”. Рӯҳулқудси Худо ба сурати кабӯтаре ба болои Исо фаромад.

Сипас Рӯҳулқудси
Худо Исоро ба
биёбон бурд. Исо
дар он ҷо танҳо буд.

Ӯ чил рӯз рӯза гирифт. Яъне ягон чиз нахӯрд. Ӯ хеле гурусна монд.

Китоби Муқаддас мегӯяд, ки дар он ҷо ҳайвоноти ваҳшӣ низ буданд.

Баъд шайтон барои озмоиш кардани Исо омад. Вай пештар Одаму Ҳавворо озмоиш карда буд, то дар боғи Адан ба Худо беитоатӣ кунанд. Акнун Исо озмоиш карда мешавад.

Шайтон метавонист,
ки ҳатто барои
озмоиши Писари
Худо, яъне Исо
кӯшиш кунад.

“Агар Ту Писари Худо бошӣ, ин сангҳоро ба нон табдил деҳ” — гуфт ӯ. Зеро медонист, ки Исо гурусна аст. Ӯ медонист, ки Писари Худо сангҳоро ба нон табдил дода метавонад. Оё Исо ба шайтон итоат мекунад?

Албатта не! Исо ба гапи шайтон гӯш надод. Ба ҷойи ин, Ӯ аз Каломи Худо ба шайтон ҷавоб гардонд: “Инсон на фақат бо нон зинда аст, балки бо ҳар сухане, ки аз даҳони Худо мебарояд, зинда аст”.



Баъд шайтон Исоро ба шаҳри калони Уршалим, ба маъбади муқаддас бурд, ки дар он ҷо одамон ба Худо ибодат мекарданд. Шайтон ин дафъа чӣ кор карданӣ буд?



“Агар Ту Писари Худо бошӣ, Худро аз ин ҷо ба пойин парто. Каломи Худо мегӯяд, ки фариштагони Ӯ Туро наҷот медиҳанд” — мегуфт шайтон.

“Не!” — ҷавоб дод Исо. “Ҳамчунин гуфта шудааст, ки ‘Худованд Худои худро насанҷед’” — гуфт Исо.



Шайтон боз кӯшиш кард. Вай Исоро берун аз шаҳр ба қуллаи хеле баланди кӯҳе бурд.

Вай ҳар як мамлакати ҷаҳонро бо тамоми шукӯҳашон ба Исо нишон дода гуфт: “Агар хам шуда, ба ман саҷда кунӣ, ҳамаи инро ба Ту медиҳам”.

“Аз ман дур шав, шайтон!” — фармон дод Исо. “Зеро навишта шудааст, ки ‘Худованд Худои худро ибодат намоед ва танҳо ба Ӯ хизмат кунед’” — гуфт Исо.



Шайтон барои муддате аз Исо дур шуд. Баъд як чизи аҷибе рӯй дод. Худо фариштагонро фиристод, то онҳо Исо, Писарашро, ки ба шайтон итоат накарда буд, тасалло дода, ба ӯ ғамхорӣ кунанд.

Вақти душвор барои Исо

Ҳикоя аз Каломи Худо

Матто 4, Луқо 4

“Ошкор шудани Каломи Ту равшанӣ мебахшад”. Забур 119:130

Хотима

Ин ҳикояи Китоби Муқаддас дар бораи Худои аҷоиби мо нақл мекунад, ки моро офаридааст ва мехоҳад, ки мо Ӯро шиносем.

Худо корҳои бади моро медонад ва онҳоро гуноҳ меномад. Ҷазои гуноҳ марг аст, аммо Худо туро сахт дӯст медорад. Барои ҳамин Худо Писари ягонааш, Исои Масеҳро фиристод, ки ҷазои гуноҳҳои туро ба Худ гирифта, дар рӯйи салиб мехкӯб шуда мурад. Баъд Исо гашта зинда шуду ба осмон рафт! Агар ту ба ин бовар карда, ба Исо имон биёрӣ ва аз Ӯ хоҳиш кунӣ, ки гуноҳҳоятро бахшад, Ӯ гуноҳҳоятро мебахшад! Ӯ ба вуҷуди ту даромада, дар қалби ту зиндагӣ мекунад ва ту ҳамеша ҳамроҳи Ӯ хоҳӣ буд.

Агар бовар кунӣ, ки ин рост аст, ба Худо гӯй:
Исои меҳрубон, ман бовар мекунам, ки Ту Худо ҳастӣ, аммо шакли инсонро ба Худ гирифтӣ, ки ба ҷои мани гунаҳкор ҷон диҳӣ. Ту гашта зинда шудӣ ва ҳоло ҳам зинда ҳастӣ. Илтимос ба ҳаёти ман биё ва гуноҳҳои маро бахш, то ки ҳаётам нав шавад ва рӯзе пеши Ту рафта, то абад бо Ту бошам. Ба ман ёрӣ деҳ, ки ҳамчун фарзанди Ту ба гапҳои Ту гӯш карда, барои Ту зиндагӣ кунам. Омин.

Ҳар рӯз Китоби Муқаддасро хонда, бо Худо сӯҳбат кун!
Юҳанно 3:16